Распоряжение ТС РТ №138-р от 28.08.2009 года.

*О классификаторах и перечнях нормативно – справочной информации, используемых для таможенных целей*

В целях унификации нормативно – справочных информаций, используемых для таможенных целей,

1.При заявлении сведений в таможенной декларации, составлении других таможенных документов, а также при оформлении таможенными органами транспортных, коммерческих и других документов при производстве таможенного оформления и таможенного контроля, составления документов учета и отчетности использовать следующие классификаторы и перечни нормативно – справочной информации:

классификатор стран мира ISO – 3136;

классификатор валют ISO – 4217;

классификатор процедуры перемещения товаров через таможенную границу (приложение № 1);

классификатор видов транспорта и транспортировки товаров (приложение № 2);

классификатор видов таможенных деклараций (приложение № 3);

классификатор экономических союзов и сообществ (приложение № 4);

классификатор видов грузов, упаковки и упаковочных материалов (приложение № 5);

классификатор условий поставки (приложение № 6);

классификатор характера сделки с декларируемыми товарами (приложение № 7);

классификатор форм расчетов и особенностей внешнеэкономической сделки (приложение № 8);

классификатор методов определения таможенной стоимости товаров, помещаемых под таможенные режимы, применимые к ввозным и вывозным товарам (приложение № 9);

классификатор признаков корректировки таможенной стоимости (приложение № 10);

классификатор льгот по уплате таможенных пошлин, налогов и сборов (приложение № 11);

классификатор видов налогов, сборов и иных платежей, взимание которых возложено на таможенные органы (приложение № 12);

классификатор обозначений способов и особенностей уплаты таможенных пошлин, налогов и сборов (приложение № 13);

классификатор видов обеспечения уплаты таможенных пошлин, налогов и сборов (приложение 14);

классификатор видов документов, подтверждающих наличие льгот по уплате таможенных пошлин, налогов и сборов (приложение №15);

таблица соответствия клиринговой валюты и базовой валюты по классификатору валют (приложение № 16);

классификатор мер по обеспечению соблюдения таможенного законодательства (приложение 17);

перечень сокращенных наименований акцизных марок (приложение № 18);

классификатор форм расчетов по внешнеторговым бартерным сделкам (приложение № 19).

2.Управление анализа и таможенной статистики обеспечить применение положений настоящего Распоряжения для обработки сведений, заявленных в таможенных документах с 1 января 2010 года.

3.Финансово – хозяйственному управлению обеспечить финансирование тиражирования классификаторов и перечни нормативно – справочной информации.

4.Унитарному государственному предприятию «Типография» Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан обеспечить тиражирование классификаторов и перечней нормативно – справочной информации.

5.Организационно-инспекторскому управлению довести данное Распоряжение до сведения таможенных органов.

6.Начальникам управлений центрального аппарата (отдела) и региональных таможенных управлений Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан обеспечить изучение личным составом классификаторов и перечней нормативно – справочной информации.

7.Настоящее Распоряжение вступает в силу с 1 января 2010 года.

8.Контроль за исполнением настоящего Распоряжения возложить на первого заместителя Начальника Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан Рахматова Н.С.

Начальник Зарипов Г.Ш.

Фармоиши ХГ ҶТ №139-ф аз 28.08.2009 сол

*Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби пур кардани декларатсияи бори гумрукӣ ва декларатсияи транзитӣ» ва шакли нави маҷмӯи бланкҳои декларатсияи гумрукӣ ва декларатсияи транзитӣ*

Бо мақсади такмили тартиби декларатсия кардани молҳо, ки тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд ва ягонасозии ҳуҷҷатҳои гумрукӣ дар асоси моддаҳои 63, 81 ва 124 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон,

1. «Дастурамал дар бораи тартиби пур кардани декларатсияи бори гумрукӣ ва декларатсияи транзитӣ» (матн бо забони давлатӣ ва русӣ замима карда мешавад) ва шакли нави маҷмӯи бланкҳои декларатсияи гумрукӣ ва декларатсияи транзитӣ, ки дорои ҷузъиёти ҳифз, рақамгузорӣ ва хусусияти худнусхашавӣ доранд (замима мегардад) тасдиқ карда шавад.

2.Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти гумрук, ки масъалаҳои танзим ва баҳисобгирии декларатсияи бори гумрукӣ ва декларатсияи транзитиро муқаррар менамоянд ба талаботи Фармоиши мазкур мутобиқ гардонида шаванд.

3.Раёсати таъмини ҳуқуқӣ аз қайди давлатӣ гузаронидани Фармоиши мазкурро дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.

4. Шӯъбаи иттилоотӣ баъд аз қайди давлатӣ гузаштани Фармоиши мазкур нашри онро дар воситаҳои ахбори умум таъмин намояд.

5.Фармоиши мазкур баъд аз қайди давлатӣ гузаштан ва нашр шуданаш дар воситаҳои ахбори умум мавриди амал қарор дода шавад.

6.Раёсати молиявию хоҷагӣ маблағгузории чопи «Дастурамал дар бораи тартиби пур кардани декларатсияи бори гумрукӣ ва декларатсияи транзитӣ» ва шакли нави маҷмӯи бланкҳои декларатсияи гумрукӣ ва декларатсияи транзитиро таъмин намояд.

7.Корхонаи воҳиди давлатии «Матбаа»-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чопи «Дастурамал дар бораи тартиби пур кардани декларатсияи бори гумрукӣ ва декларатсияи транзитӣ» ва шакли нави маҷмӯи бланкҳои декларатсияи гумрукӣ ва декларатсияи

транзитиро таъмин намояд.

8.Раёсати ташкилию бозрасӣ Фармоиши мазкурро ба маълумоти мақомоти гумрук расонад.

9.Сардорони Раёсатҳои дастгоҳи марказӣ (шӯъба) ва Раёсатҳои минтақавии гумрукии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши ин Дастурамалро аз ҷониби ҳайати шахсӣ таъмин намоянд.

10. Аз эътибор соқит дониста шавад:

-Фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2008 № 12-ф «Қоидаҳои истифодаи расмиёти транзити дохилии гумрукӣ ҳангоми интиқоли молҳо бо нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан»;

-Фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2005 № 358 «Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба тартиби пур кардани декларатсияи бори гумрукӣ»;

-Фармони Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 апрели соли 1997 № 77 «Оиди дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор додани намунаҳои нави декларатсияҳои бори гумрукӣ»;

-Фармони Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 1996 № 127 «Дар бораи мавриди амал қарор додани намунаҳои нави декларатсияҳои бори гумрукӣ».

11.Назорати иҷроиши Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини аввали Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматов Н.С. гузошта шавад.

Сардор Зарипов Г.Ш.

Фармоиши ХГ ҶТ №138-ф аз 28.08.2009 сол

*Дар бораи таснифот ва номгӯи маълумоти меъёрию иттилоотие, ки бо мақсадҳои гумрукӣ истифода бурда мешаванд*

Бо мақсади ягонасозии номгӯи маълумоти меъёрию иттилоотие, ки бо мақсадҳои гумрукӣ истифода бурда мешаванд,

1.Ҳангоми арз намудани маълумот дар декларатсияи гумрукӣ, тартиб додани дигар намуди ҳуҷҷатҳои гумрукӣ, инчунин барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ, тиҷоратӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирию ҳисоботдиҳӣ аз ҷониби мақомоти гумрук таснифот ва номгӯи маълумоти меъёрию иттилоотии зерин истифода бурда шаванд:

таснифоти кишварҳои ҷаҳон ISO – 3136;

таснифоти асъори кишварҳои ҷаҳон ISO – 4217;

таснифоти расмиёти интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукӣ (замимаи 1);

таснифоти навъҳои воситаҳои нақлиёт ва боркашонӣ (замимаи 2);

таснифоти намуди декларатсияи гумрукӣ (замимаи 3);

таснифоти иттиҳод ва ҷомеъаҳои иқтисодӣ (замимаи 4);

таснифоти намуди борҳо, борбандӣ ва масолеҳи борбандӣ (замимаи 5);

таснифоти шартҳои молрасонӣ (замимаи 6);

таснифоти хусусияти муомилотии молҳои декларатсияшаванда (замимаи 7);

таснифоти шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хусусияти муомилоти иқтисоди хориҷӣ (замимаи 8);

таснифоти усулҳои муайян кардани арзиши гумрукии молҳое, ки таҳти низомҳои гумрукӣ ҳангоми воридот ва содирот қарор дода мешаванд (замимаи 9);

таснифоти аломатҳои тасҳеҳи арзиши гумрукии мол (замимаи 10);

таснифоти имтиёзҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва хироҷҳо (замимаи 11);

таснифоти намуди андозҳо, хироҷҳо ва дигар намуди пардохтҳо, ки ситонидани онҳо ба салоҳияти мақомоти гумрук вогузор карда шудаанд (замимаи 12);

таснифоти ифодаи аломатҳои шартии тарз ва хусусияти пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва хироҷҳо (замимаи 13);

таснифоти намудҳои таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва хироҷҳо (замимаи 14);

таснифоти намуди ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти имтиёзҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва хироҷҳоро тасдиқ менамоянд (замимиаи 15);

ҷадвали мувофиқати асъори клирингӣ ва асъори базавӣ тибқи таснифоти асъори кишварҳои ҷаҳон (замимаи 16);

таснифоти тадбирҳо оид ба таъмини қонунгузории гумрукӣ (замимаи 17);

номгӯи кӯтоҳкардашудаи маркаҳои аксизӣ (замимаи 18);

таснифоти шаклҳои ҳисобаробаркунӣ тибқи муомилоти бартерии тиҷорати хориҷӣ  (замимаи 19).

2.Раёсати таҳлил  ва омори гумрукӣ аз 1 январи соли 2010 татбиқи муқаррароти Фармоиши мазкурро барои коркарди маълумотҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои гумрукӣ арз гардидаанд, таъмин намояд.

3.Раёсати молиявию хоҷагӣ маблағгузории чопи таснифот ва номгӯи маълумоти меъёрию иттилоотие, ки бо мақсадҳои гумрукӣ истифода бурда мешаванд, таъмин намояд.

4.Корхонаи воҳиди давлатии «Матбаа»-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чопи таснифот ва номгӯи маълумоти меъёрию иттилоотие, ки бо мақсадҳои гумрукӣ истифода бурда мешаванд, таъмин намояд.

5.Раёсати ташкилию бозрасӣ Фармоиши мазкурро ба маълумоти мақомоти гумрук расонад.

6.Сардорони Раёсатҳои дастгоҳи марказӣ (шӯъба) ва Раёсатҳои минтақавии гумрукии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши Фармоиши мазкурро аз ҷониби ҳайати шахсӣ таъмин намоянд.

7.Фармоиши мазкур аз 1 январи соли 2010 мавриди амал қарор дода шавад.

8.Назорати иҷроиши Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини аввали Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматов Н.С. гузошта шавад.

Сардор Зарипов Г.Ш.